*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14)*

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ ба диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

**1. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ба сархатҳои қисми 10. Бонкҳо ва ташкилоти қарзии дигар: бандҳои 10.1; 10.5; 10.12; 10.16; 10.1; 10.18; 10.19; 10.20 ва 10.21 мувофиқат мекунад.

**2. Мубрамии мавзуи диссертатсия.** Татбиқи ҳадафҳои стратегии рушди мамлакат, инчунин Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Стратегияи сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025, Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 такмили идоракунии давлатии низоми бонкиро ҳамчун муҳаррики асосии рушди молиявӣ ва танзимгари муносибатҳои иқтисодӣ талаб мекунад. Инчунин, фаъолияти низоми бонкии Тоҷикистон дар давраҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ( 2008-2009) ва буҳрони низоми бонкии миллӣ (2015-2018) нишон дод, ки фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун танзимгари ин соҳаи муҳим бояд аз тарафи мақомотҳои давлатӣ тақвият дода шавад. Зеро, ҷиҳати нигоҳдории сатҳи пасти таваррум ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ва ҳалли ҳадафҳои стратегии кишвар зарур арзёбӣ карда мешавад. Дар ин раванд таъсиси Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №331 аз 21.06.2018), ки мақоми байниидоравии доимоамалкунанда, ки ба ҳайати он роҳбарияти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил буданд, раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзиро самаранок гардонида,

аҳамияти иқтисодии низоми бонкӣ ва бонкҳои тиҷоратиро таҳким бахшид.

Омӯзиш, баррасӣ ва баҳодиҳии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз масоили умдаи низоми молиявӣ арзёбӣ гардида, таҳқиқи амиқи он метавонад, ки ба ҷараёни фаъолияти самараноки бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мусбӣ расонида, аҳамияти иқтисодии ин ташкилотҳоро дар низоми хоҷагидорӣ тақвият бахшад.

Вобаста ба гуфтаҳо боло, дарҷ намудан мумкин аст, ки мукаммалгардонии низоми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба тақвияти сохтори институтсионалии низоми бонкӣ оварда мерасонад ва сатҳи рақобатпазирии ин ташкилотҳоро дар бозори бонкӣ метавонад, ки таҳким бахшад. Аз ин рӯ мавзуи интихобшуда мубрам арзёбӣ гардида, таҳқиқотҳо дар ин самт зарур ва ногузир аниста мешавад. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур метавонад, ки ҳамчун омили таҳрикдиҳандаи фаъолият молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баромад намуда, ба вазъи пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ таъсири мусбӣ расонад ва зимни таҳияи барномаҳои дохилибонкӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар рисола бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд.** Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионии Сафаров С.З. дар мавзӯи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар пажуҳиши муносибатҳои системавӣ нисбат ба низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳо дар Тоҷикистон дар асоси таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ ва таҳияи механизмҳои мутобиқшавӣ алоқаманд буда, бо назардошти омилҳои дохилӣ ва омилҳои берунии ба бонкҳои тиҷоратӣ таъсиррасон арзёбӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ҳамчун навгонии таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири асосҳои назариявӣ ва амалии низоми идоракунии молиявии бонкҳои тиҷоратӣ буда, ҷанбаҳои муҳими идоракунии устувории молиявӣ, хусусиятҳои идоракунӣ дар раванди фаъолияти молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ шуда, нуктаҳои назариявии навгониҳои дар диссертатсия овардашуда аз нигоҳи илмӣ асоснок гардида, андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ ва пажуҳишгарони хориҷӣ аз ҷониби муаллиф баррасӣ ва омӯзиш гардидаанд. Муаллиф зимни таҳқиқи асосҳои назариявии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ақидаҳои мухталифро оид ба ин самт омӯхтааст ва нуқтаи назари хешро баён кардааст. Зимни таҳқиқот хусусиятҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ шуда, гуруҳбандӣ гардидаанд ва принсипҳои асосии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ муайн гардидааст, ки аз таҳқиқи амиқ гувоҳӣ медиҳад. Бар илова, муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки таҷрибаи хориҷиро дар самти такмили идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ омӯзад ва ҷанбаҳои афзалиятноки онро

барои истифода дар низоми бонкии Ҷумҳурии тоҷикистон тавсия намояд, ки воқеан ин амал метавонад дар таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва коркарди усулҳои муассири нигоҳдории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ нақши муҳим дошта бошад. Дар ин раванд муаллиф ҳамчун ҷанбаҳои афзалиятнок пешниҳод кардааст, ки бояд ба самтҳои зерини фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти дода шавад, аз ҷумла: а) рушду такомули низоми суғуртаи пасандозҳо, афзудани ҳаҷми қарзҳои байни бонкҳо, тавсеаи клиринг ва ҳисоббаробаркуниҳо; б) такмили механизми фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок ва в) густариши маърифати молиявӣ ва тарғибу ташвиқи он, тарғиби фарҳанги рафтори дурусти молиявӣ, ки ба назари мо ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар ҷараёни таҳқиқот вазъи муосири устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, ҷанбаҳои заъф ва ҷанбаҳои афзалиятдор ба таври амиқ баҳогузорӣ гардидааст, ки ин омил метавонад дар раванди таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, махсусан устувории нишондҳандаҳои алоҳидаи бонкҳои тиҷоратӣ таъсири мусбӣ расонида, хавфи коҳишёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро аз байн мебарад.

Мушкилоти дар ҷараёни тақвиятёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсирбахш гуруҳбандӣ гардидааст ва роҳу воситаҳои аз байн бурдани онҳо тавсия гардидааст. Муаллиф дар ин ҷараёни таъкид мекунад, ки бояд ба самтҳои: -сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ; -кифоятии сармоя; -ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ; -фаъолияти сармоягузории бонкҳои тиҷоратӣ; -суғуртакунони пасандозҳо ва ғайраҳо аҳамияти ҷиддӣ дода шавад, ки ба назари мо тақвияти самтҳои дар боло овардашуда метавонад пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратиро таҳким бахшида, таъсири бонкҳоро дар иқтисодиёт бештар гардонад, ки дар ин замина иқтидори сармоягузорӣ баланд шуда, соҳаҳои мухталифи иқтисоди воқеӣ бо захираҳои молиявӣ таъмин мегарданд. Ҷиҳати такмили низоми нигоҳдории устувории молиявии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ тавсияҳои судманд пешниҳод гардидаанд ва бояд дарҷ намуд, ки тақвияти самтҳои идоракунии устувории молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ имкониятҳои васеъи иқтисодиву молиявиро фароҳам оварда, натиҷаи самаранокии кори бонкҳои тиҷоратиро таъмин намуда, аҳамияти иқтисодии ин ташкилотҳои қарзиро дар иқтисодиёт боло мебарад.

**4. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифода онҳо.**

Диссертатсия дар асоси ақидаҳо ва нуктаҳои назари муҳаққиқони иқтисодшинос ва мактабҳои иқтисодӣ, санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ оид ба низоми бонкӣ, идоракунии давлатии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд, ки он дар амал асоснок карда шудааст. Инчунин, таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳлил ва омӯзиши асосҳои назариявию

методологӣ ва илмии бисёрсолаи муаллифро доир ба ҷанбаҳои гуногуни муаммоҳои такмили идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мавқеи бонкҳои тиҷоратӣ дар ҷараёни фаъолияти низоми бонкӣ ва тақвияти аҳаммияти бонкҳои тиҷоратӣ дар рушди устувори иқтисодиёти миллӣ фарогир мебошад. Тадқиқотҳои методологию назариявии гузаронидашуда метавонад дар оянда ҳамчун пойгоҳи маълумотҳо барои гузаронидани тадқиқотҳои методологӣ- назариявии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи санадҳои меъёриву ҳуқуқии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода гарданд.

Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот дар коркарди тавсияҳо оид ба таҳкими низоми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ зоҳи мегардад. Дар раванди иҷроиши таҳқиқоти диссертатсионӣ маводҳои оморӣ ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, маълумотҳои расмии Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ахборот мавриди истифода қарор гирифтааст, ки дар маҷмӯъ дар такмилёбии кори диссертатсионӣ таъсири мусбӣ гузоштаанд, инчунин натиҷаҳои таҳқиқотҳои амалии дар диссертатсия овардашуда метавонанд, барои таҳкими механизми низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат намуда, нигоҳдории устувории молиявии бонкҳоро таъмин созанд. Натиҷаҳои алоҳидаи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва татбиқи барномаҳои молиявӣ метавонанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шаванд ва дар амалишавии Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мусоидат намоянд.

**5. Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Бояд қайд намуд, ки вазифаҳои дар назди унвонҷӯй гузошташуда ба пурраги иҷро гардидаанд, яъне дар доираи такмили идоракунии низоми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муаллиф ба ҳадафи гузошташуда ноил гардидааст. Инчунин муайян намудан мумкин аст, ки дар раванди таҳқиқот мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонида шудаанд. Дар ин раванд муаллиф масъалаҳои асосии идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро мавриди баррасӣ қарор дода, оид ба такмили он дар сатҳи институтсионалӣ пешниҳодҳои илман асоснок тавсия намудааст. Фарзияи таҳқиқоти унвонҷӯ эҳтимолияти баланди татбиқшавӣ дошта, онро аз рӯйи натиҷа низ муайян намудан имконпазир аст.

**6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Мақолаҳои интишоршудаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро дар худ инъикос намудаанд. Таҳлили диссертатсия нишон дод, ки муаллиф дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ 10 мақола ба нашр расонидааст, ки аз инҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Натиҷаҳои асосӣ ва нуктаҳои муҳими таҳқиқоти диссертатсионӣ дар

конференсияҳои илмию назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ироа гардидаанд.

**7. Мутобиқати баррасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА.** Диссертатсияи пешниҳод намудаи довталаб Сафаров С.З. ба бандҳои меъёрҳои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз, омодасозии диссертатсия ва экспертизаи диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ба дигар талаботҳои "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

**8. Натиҷаҳои кор ва ҷанбаҳои мусбии он.** Кори тақризшаванда аз муққадима, 3 боб, ҳашт зербоб, 23 ҷадвал, 13 расм, 10 диаграмма, хулоса иборат буда, бо истифода аз 262 сарчашма таҳия гардида, дар 179 саҳифаи чопӣ омода шудааст.

Дар **Муқаддима** (с. 4-14) мубрамият ва дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, сарчашмаи иттилоотӣ, эътимоднокӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, навовариҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, интишорот ва сохтори диссертатсия асоснок карда шудааст (саҳ.4-14).

**Дар боби якуми диссертатсия "Асосҳои назариявии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир"** ҷанбаҳои назариявии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, асосҳои методологӣ ва принсипҳои арзёбии устувории онҳо, таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ оид ба усулҳои арзёбӣ ва идоракунии устувории молиявии бонкҳои мазкур таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. (саҳ.15-60).

Дар ин қисмати диссертатсия унвонҷӯ кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявии масъалаи мазкуро матраҳ намояд ва дар асоси андешаҳои муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ низоми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро таҳқиқ намуда, ақидаи фардии худро пешкаш намояд. Махсусан аз ҷониби муаллиф қайд карда мешавад, ки сарфи назар аз он, ки мушкилоти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз давраҳои пеш коркард мешаванд, бо вуҷуди ин, масъалаҳои ҳалнашуда ҳанӯз ҳам боқӣ мемонанд, ки ин ба мушкилоти мураккаб ва бисёрпаҳлу будани он алоқаманд аст (саҳ.18-22). Воқеан, айни замон яке аз масъалаҳои мубрам дар низоми бонкии аксари кишварҳои ҷаҳон ин нигоҳдории устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ маҳсуб меёбад. Зеро дар шароити муосири иқтисодӣ ва тақвиятёбии муносибатҳои молиявӣ таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ нишондиҳаи муҳим дониста мешавад. Аз ин рӯ, ҷиҳати таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ барои давраи дарозмуҳлат таҳқиқи паҳлуҳои назариявии он ба маврид мебошад. Инчунин, муаллиф ҷанбаҳои назариявии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро гуруҳбандӣ намуда, онро тавзеҳ додааст, ки дар таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ метавонад нақшгузор бошад

(саҳ.16). Муаллиф устувории бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун омили калидии нигоҳдории пардохтпазирӣ ва бозоргирӣ дониста, қайд мекунад, ки низоми идоракунии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ раванди пайваста рушдёбандаи қабули қарорҳои идоракунӣ мебошад, ки ба оптимизатсияи сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо, идоракунии хавфҳо ва нигоҳ доштани сатҳи оптималии сармоя барои таъмини устувории дарозмуддати бонк дар шароити иқтисоди бозорӣ нигаронида шудааст (саҳ.24-28).

Илова ба ин, принсипҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мавриди таҳқиқи қарор гирифта, зарурияти риоя намудани принсипҳоро зимни баҳодиҳии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мушаххасан баҳогузорӣ намудааст, инчунин унвонҷӯ устувории молиявиро дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун консепсияи бисёртаркибӣ баҳо дода, онро ҳамчун ҷузъи асосии фаъолияти бонкҳо арзёбӣ менамояд, ки ба андешаи ин ҷониб қобили қабул аст (саҳ.32-38). Чунки, дар шароити муосири иқтисодӣ тарҳрезии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ бидуни баҳодиҳии амиқи устувории молиявӣ ғайриимкон аст ва дар асоси таъмини устувории молиявӣ фаъолияти самараноки бонкҳо татбиқ карда мешавад.

Дар ҷараёни таҳқиқот муаллиф ба таҷрибаи хориҷӣ такя намуда, устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун омили асосӣ ва калидии нигоҳдории сатҳи рақобатпазирӣ ва фаъолияти самаранок арзёбӣ менамояд. Ба андешаи унвонҷӯ ҷиҳати такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ зарур аст ва истифдаи ҷанбаҳои афзалиятнок ба манфиати кор мебошад. Дар ин асос, муаллиф қайд менамояд, ки барои такмили низоми баҳодиҳии устувории молиявии бонкҳо дар Тоҷикистон бо баҳрабардорӣ аз таҷрибаи муваффақи кишварҳои хориҷӣ татбиқи як қатор чорабиниҳо судманд ва ба назар мувофиқ мебошад. Дар доираи таҳқиқоти анҷомёфта, унвонҷӯ бо назардошти омӯзиши таҷрибаи яккатор кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ рушдёфта, такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро баррасӣ намуда, ҷанбаҳои афзалиятноки онро барои истифода пешниҳод намудааст, ки албатта қобили таваҷҷуҳ аст (саҳ. 48-60).

**Дар боби дуюми диссертатсия «Таҳлили ҳолати муосири низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»**, вазъи муосири идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, хусусиятҳои ба худ хоси низоми идоракунии устувории молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратии ватанӣ таҳлил ва омилҳои асосии ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсиркунанда арзёбӣ гардидаанд.

Дар ин қисмати диссертатсия, унвонҷӯ бештар кӯшиш намудааст, ки ҳолати муосири идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, вазъи устувории молиявии бонкҳоро баҳогузорӣ намояд. Унвонҷӯ бо истифода аз

маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар бонкҳои тиҷоратӣ вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратиро таҳлал намуда, имконияҳои молиявии ин ташкилотҳоро баҳогузорӣ намудааст ва низоми идоракунии устувории молиявиро дар фаъолияти бонкҳо арзёбӣ кардааст. Унвонҷӯ дар рафти таҳқиқот нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратиро таҳлил карда, қайд мекунад, ки ҳаҷми кофии сармояи худӣ ба бонк имкониятҳои васеъро барои қарздиҳии фаъолонаи иқтисодиёт, васеъ кардани доираи хизматрасониҳо ва ҷалби сармоягузорӣ фароҳам меорад ва омили асосии рақобатпазирии он дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мебошанд (саҳ.64-66). Фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро бидуни амалиёти қарзӣ тасаввур намудан аз имкон берун аст, аз ин ҷост, ки муаллиф ба вазъи амалиёти қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосири иқтисодӣ баҳогузорӣ намуда, амалиёти қарзиро ҳамчун тақвиятбахшандаи сармоягузориҳои бонкӣ ба иқтисодиёт арзёбӣ кардааст. Дар воқеъ, таҳлилҳо собит месозанд, ки иқтисоди воқеиро бидуни ташкили низоми босамари пешинҳоди маҳсулоҳои қарзӣ рушд додан ғайриимкон мебошад. Вале, аз нигоҳи дигар, пешниҳоди қарзӣ дар асоси тақвияти вазъи устувории молиявии бонк сурат мегирад, ки дар ин самт таҳлили омилҳои ба ҷараёни устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсирбахш ба мақсад мувофиқ аст. Дар доираи таҳқиқот муаллиф дороиҳои бонкҳои тиҷоратиро таҳлил намуда, ба чунин андеша аст, ки нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муайянкунандаи вазъияти он буда, афзоиши дороиҳо аз ҳолати муқаррарӣ ва пастшавии онҳо ҳолати мураккаби системаро нишон медиҳад. Дар асоси таҳлилҳо муаллиф муайян намудааст, ки дар соли 2023 дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба соли 2016 ба андозаи 69,7%, рушд намудааст, ки аз мавқеи устувор пайдо кардани бонкҳои тиҷоратӣ гувоҳӣ медиҳад. Давра ба давра ташаккул ёфтани дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо ба вазъи молиявии ин ташкилотҳо таъсири мусбӣ мерасонад, балки мавқеи бонкҳои тиҷоратиро дар бозо-ри бонкӣ тақвият дода, ба рушди устувори иқтисоди замина мегузорад (саҳ.68-72).

Андешаи унвонҷӯйро оид ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ метавонад дастгирӣ намуд. Зеро мувофиқи андешаи ӯ устувории молиявии бонки тиҷоратӣ аз идоракуни он вобастагии амиқ дошта, низоми идоракунӣ дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад (саҳ.76-78). Манбаи асосии даромаднокии бонкҳои тиҷоратӣ амалиёти фаъол дониста мешавад, ки аз нуктаи назари унвонҷӯ ин амалиёт бояд тақвият бахшида шаванд ва дар ин асос сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ зиёд карда шавад. Оид ба ин масъала унвонҷӯ чунин қайд менамояд, ки яке аз омилҳои рушди низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, афзоиши буҷети давлат, пешгирӣ ва кам намудани ҳаргуна омилҳои коррупсионӣ, ин густариши низоми пардохтҳои ғайринақдӣ мебошад. Ҳамин аст, ки солҳои охир аз ҷониби бонкҳои тиҷоратии ватанӣ дар самти зиёд намудани банкомату терминалҳо ва кортҳои

пардохтӣ мушоҳида мегардад. Бино ба иттилои сомонаи БМТ, соли 2022 дар мамлакат аз тарафи 21 ташкилоти молиявию қарзӣ 5,06 млн. адад кортҳои пардохтии бонкӣ ба муомилот бароварда шудааст, ки дар қиёс ба соли 2018 2,8 маротиба зиёд аст, ки 71,2 дарсади он кортҳои миллӣ мебошанд. Дар соли 2023 бошад, ин рақам ба андозаи 31,4% афзудааст (саҳ.80-82). Афзоишёбии шумораи кортҳои пардохтӣ ва такмилёбии инфрасохтори пардохтӣ на танҳо метавонад ки ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ асос гузорад, балки раванди дастрасии аҳолиро ба маҳсулотҳои бонкӣ тақвият бахшида, сатҳи эътимоднокии низоми бонкиро пурқувват мегардонад.

Баъд аз омӯзиш, баррасӣ ва таҳлили паҳлӯҳои мухталифи таҳқиқот муаллиф қайд мекунад, ки дар шароити ноустувории муҳити берунаи иқтисодӣ ва таъсири он ба иқтисоди миллӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва мизоҷони он ба хавфҳои молиявӣ дучор мешаванд ва дар ин ҳолат барои идоракунии устувории молиявӣ зарурати инкишоф додани суғуртаи бонкӣ ба вуҷуд меояд. Тақвияти ниоми суғуртакунонии пасандозҳо аз масоили мубрами низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ мегардад, ки аз ҷониби унвонҷӯ мавриди таҳлил қарор гирифтааст ва вобаста ба ин тавсияҳои муфид пешкаш намудааст, ки қобили дастгирӣ мебошад. Гузашта аз ин, унвонҷӯ ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратии низомсоз аҳамитяи ҷиддӣ зоҳир намуда, фаъолияти ин ташкилотҳоро баҳогузорӣ ва таҳлил намудааст. Дар ин росто қайд намудан имконпазир аст, ки фаъолияти самараноки бонкҳои тиҷоратии низомсоз метавонад ба кулли низоми бонкии кишвар таъсири мусбӣ расонад ва таъмини фаъолияти густурдаи онҳо яке аз ҷанбаҳои асосии нигоҳдории устувории молиявии дигар бонкҳои тиҷоратӣ даниста мешавад (саҳ.93-110).

**Дар боби сеюм - «Роҳҳои такмилдиҳии механизми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** роҳҳои тақвияти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии кишвар ва такмили низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ ва пешниҳод гардидаанд. (саҳ.111-150).

Таҳқиқотҳои анҷомёфта барои муаллиф имкон фароҳам овардаанд, ки ғояҳои асосиро ҷиҳати такмилдиҳии низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муттамарказ намуда, усулҳо ва роҳу воситаҳои таҳкими онро тасия намояд. Унвонҷӯ дар диссертатсия чунин қайд мекунад, ки мушкилоти идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳолати нохуб гардидани вазъи иқтисодӣ, миқёси буҳрони иқтисодиро боз ҳам мураккабтар мегардонад, зеро бонкҳо яке аз унсурҳои асосии тамоми низоми молиявии ҷумҳурӣ ба ҳисоб мераванд. Дарк ва пешгирӣ намудани ин ҳолат метавонад ба бонкҳои тиҷоратӣ дар таҳияи барномаҳои дарозмуддат барои кам намудани зарар ёрӣ расонад. Дар ин ҷараён унвонҷӯ тақвияти устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ҳамчун омили таъсирбахш ба сармоягузориҳои бонкӣ арзёбӣ намуда, чунин мешуморад, ки таъмини устувории молиявӣ иқтидори

сармоягузории бонкҳои тиҷоратиро меафзояд. Вобаста ба ин, сармоягузорӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ баҳогузорӣ гардидааст ва роҳу воситаҳои тақвияти сармоягузориҳои бонкӣ ба иқтисодиёт тавсия шудааст, ки қобили таваҷҷуҳ мебошад (саҳ. 111-120).

Дар диссертатсия муаллиф чунин дарҷ менамояд, ки барои таҳкими устувории молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ бояд як қатор чораҳо андешида шаванд. Аввалан, сохтори сармоя бояд оптимизатсия карда шуда, ҳиссаи маблағҳои худӣ аз ҳисоби фоидаи соф ва ҷалби сармоягузории иловагӣ зиёд карда шавад. Дуюм, баланд бардоштани самаранокии истифодаи дороиҳо тавассути равона кардани онҳо ба лоиҳаҳои сердаромад муҳим аст. Ниҳоят, афзоиши рақобат дар байни бонкҳо, ки ба арзёбии объективии фаъолияти онҳо асос ёфтааст, ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат хоҳад кард (саҳ. 126-132). Дар асоси таҳлили маълумотҳои оморӣ дурнамои таҳкими устувории нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ то соли 2030 таҳия гардидааст, ки тибқи он нишондиҳандаи сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда то соли 2030 афзоиш ёфта, ба 28,3% мерасад, ин аз он шаҳодат медиҳад, ки бо воситаи кифоягии сармоя, бонкҳо дар шароити буҳронӣ устувор боқӣ мемонанд. Тамоюли манфие, ки дар асоси ояндабинӣ пешгӯӣ гардидааст, нишон медиҳад, ки устувории молиявии бонк дар давраи дарозмуддат коҳиш меёбад. Бинобар ин сабаб, ба бонкҳо зарур аст, ки дар ин давра татбиқи сиёсати навро бояд пеш гиранд, ки нишондиҳандаи мазкур баръакс афзоиш ёбад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳои кори диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ ҷамъбаст гардида, тавсияҳои мушаххас оид ба такмили идоракунии давлатии бахши бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст. (саҳ. 152-156).

**9. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Баррасии кори диссертатсионии тақризшаванда собит сохт, ки диссертатсияи Сафаров С.З. дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба меъёрҳои муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад.

**10. Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Дар баробари паҳлӯҳои мусбии рисолаи диссертатсионӣ, он дорои камбудиҳо ва хатогиҳо мебошад, аз ҷумла:

1. Мубрамияти диссертатсияи тақризшаванда аз тарафи муаллиф ба пуррагӣ дарҷ нашудааст, инчунин таъсири омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонад ва ба таъмини суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонида

метавонанд, ба таври кофӣ таҳқиқ нагардидаанд;

2. Дар зербоби 1.3, ки муаллиф таҷрибаи кишварҳои хориҷиро вобаста ба идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ кардааст, лекин мушахасан таҷрибаи кадом аз ин давлатҳо барои истифодабарӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул аст, пешниҳод нагардидааст;

3. Дар саҳифаи 84 диссертатсия диаграммаи 2.3. Тамоюли рушд инфрасохтори бонкӣ оварда шудааст, ки солҳои таҳлилии аз 2019 то 2023- ро дар бар мегирад. Дар саҳ.85 диаграммаи 4 бошад солҳои таҳлилии 2018-2022- ро дар бар мегирад. Бояд гуфт, ки таҳқиқоти илмӣ бо давраи ягонаи таҳлилӣ пешниҳод карда шавад, чунки он ба муҳаққиқ имконияти мусоиди таҳлилиро фароҳам меорад. Эроди мазкур дар дигар расму диаграммаҳо мушоҳида мешавад;

4. Дар саҳ.131 диссертатсия расми 3.4. Услҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва дар расми 3.5. Механизми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳ 132 оварда шудааст, ки ин расмҳоро муҳаққақ аз нигоҳи илмӣ наонқадар асоснок намудааст. Бағайр аз ин, маълум нест, ки муҳаққиқ дар асоси омӯзиши кадом асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ чунин расмро пешниҳод намудааст;

5. Агар хусусиятҳои идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти вижагиҳои рушди низоми бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешуд, сифати диссертатсияи тақризшаванда боз ҳам тақвият меёфт.

Норасогиҳои номбаршуда характери тавсиявӣ дошта ба сифати диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

## 11. Хулосаи умумӣ

Рисолаи диссертатсионии Сафаров Сайфулло Зикрилоевич дар мавзуи «Такмили механизмҳо ва низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, кори тахассусии мустақиман анҷомёфта, дорои навгониҳои назариявӣ ва амалӣ, дар илму истеҳсолоти ватанӣ татбиқшаванда буда, ба талаботҳои бандҳои 31,32,33 «Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 № 267 ҷавобгуй мебошад.

Автореферати диссертатсия мазмуни асосии кори таҳқиқотиро пурра инъикос менамояд.

Аз ин лиҳоз, муаллифи диссертатсия Сафаров Сайфулло Зикрилоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
ректори Донишгоҳи давлатии Данғара Хайрзода Ш.Қ.

Дурустии имзои Хайрзода Ш.Қ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Данғара Тоирзода.С.Т.

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон
ноҳияи Данғара, кӯчаи марказӣ 25
Тел: +99283312 2-28-06
E-mail:dddangara_2013@mail.ru